**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи номзадии Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи “Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон. – Душанбе, 2026. – 192 с.**

Шоирону нависандагон дар шинохти каломи мавзуну сухани ноб аз гавҳаршиносони беназири укёнуси илму адаб шинохта шудаанд. Маҳз бо туфайли накҳати дилошуби гулистони ашъору осори онҳо чаманистони махзани илму адаб муанбар аст. Калимоту ибороте, ки аз нуги қалами онҳо рӯйи сафҳа меояд, ҳар кадоме дар тарозуи ақл баркашида ва дар кӯраи оташи андешаашон гудохта шуда, пешкаши аҳли илму адаб мегарданд. Аз ҳамин ҷост, ки дар забон калимаву маъниҳои нав зуҳур мекунанд ва таркиби луғавии забонамонро боз ҳам бою ғанитар мегардонанд.

Шоири нуктасанҷ Хоқонии Шервонӣ аз зумраи он шоиронест, ки таркиби осорашон мамлуъ аз суханпардозиҳои нав, маъниҳои баланд ва шоҳкориҳои наҷиб аст. Забон ва услуби осори шоир бо як қатор хусусиятҳои фардиву фарққунандааш аз эҷодиёти шоирони дигар фарқ карда меистад. Суханшиносон, аз ҷумла, адабиётшиносону забоншиносон маҳз ҳамин паҳлуи осори шоирро ба назар гирифта, паҳлуҳои гуногуни осори ӯро ба риштаи таҳқиқи илмӣ кашидаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти босамар доир ба вижагиҳои осори ӯ чи дар соҳаи адабиётшиносӣ чи дар соҳаи забоншиносӣ асару мақолаҳои ҷудогона рӯйи кор омадаанд. Аммо дар хусуси хусусиятҳои маъноии осори Хоқонии Шервонӣ дар соҳаи забоншиносӣ ягон асари мукаммали илмӣ ба назар намерасад.

Яке аз чунин корҳо диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад таҳти унвони “Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)” мебошад, ки ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи ҳамин масъалаи ҷолиби диққат бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишиест, ки ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6.2.2. Назарияи забон пурра **мувофиқат мекунад.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии **Шафоати Сангиҳмад** аз он иборат аст, ки семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои воҳидҳои гирдоварда дар шинохти бештари ҳунари шоирии адиб ҳамчун сарчашма хизмат мекунанд. Дар баробари ин, таҳқиқи сохту таркиби луғавии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳо дар осори Хоқонии Шервонӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар илми збонишиносии тоҷик ба шумор рафта, таҳқиқи амиқи он метавонад ба ҳалли чандин масъалаҳои забон дар самти семантикаи

воҳидҳои луғавӣ ва муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бори аввал семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои марбут ба забоншиносӣ, луғатшиносӣ, маъношиносӣ, ҷудо намудани гурӯҳҳои маъноии калимаҳо, мавриди истифодаи онҳо ба муҳаққиқон кумак расонида метавонад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқ назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори илмиву бадеӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он 192 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддима доир ба мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи масъалаи мазкур, дараҷаи аз худ шудани мавзуи илмӣ, ҳадафу объекти таҳқиқот, мавзуъ ва масъалаҳои диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, эътимоднокии натиҷаҳои он, заминаҳои методологӣ ва назариявии он, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии пажӯҳиш баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсия мушаххас шудаанд.

Боби якуми диссертатсия “Доир ба маъно ва маъношиносӣ” ном дошта, аз чор зербоб иборат мебошад. Дар ин қисмати кор, ки қисмати назариявӣ ва таърихии кори илмиро фаро мегирад, бо такя ба осори илмиву адабии донишмандони соҳа дар бораи хусусиятҳои муҳимми илми маъно ва маъношиносӣ маълумоти муътамад дода шудааст. Диссертант қайд мекунад, ки маъно яке аз мафҳумҳои асосии забон ба ҳисоб рафта, дар асрҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳи забоншиносон қарор гирифта, баъдан ба соҳаи мустақили илми забоншиносӣ табдил меёбад [с. 42].

Дар баробари ин, диссертант барои пурқувват намудани ин бахши кори илмиаш доир ба илми маъношиносӣ ба осори мондагори намояндагони барҷастаи адабиёти классикӣ, ба мисли, Асадии Тӯсӣ, Абунасри Форобӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ муроҷиат намуда, доир ба махсусиятҳои ин шохаи илми забоншиносӣ қайду ишораҳои шоирони мазкурро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Бо таваҷҷуҳ ба масъалаи мазкур саҳми ин донишмандонро дар

самти ташаккул таҳаввул ва густариши илми маъношиносӣ бо эҳтироми хос таъкид намудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нуқтаи назари забоншиносони Аврупоро низ доир ба маъношиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода, зикр мекунад, ки маъношиносӣ ҳамчун соҳаи мустақили илми забоншиносӣ дар Аврупо дар охири асри XIX ва аввали асри XX пайдо шудааст [с. 42].

Забоншиносони тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ бо офаридани осори илмиашон дар атрофи шохаҳои гуногуни илми забоншиносӣ, махсусан, маъношиносӣ бо такя ба манбаъҳои асри миёна андешаҳои ҷолиб ибрoз кардаанд. Диссертант номи як зумра забоншиносони тоҷик, аз ҷумла, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, Ж. Гулназарзода ва М. Саломовро ёдовар шуда, зимни омода сохтани диссертатсия ба мақолаву асрҳои илмии ба мавзуи диссертатсия тааллуқдоштаи олимони номбурда мурочиат намудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола қайду ишораҳои ин олимон перомуни маънишиносӣ қимати баланди илмӣ дошта, барои таҳқиқоти минбаъдаи ин шохаи илми забоншиносӣ заминаи хуб шуда метавонад.

Хулоса, диссертант дар боби якум бо назардошти пажӯҳишу таҳлилу баррасии маводди ҷамъоварда ва хулосаҳои умедбахш ба дастовардҳои арзишманди илмӣ шарафёб шудааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони “Таносуби маъноии воҳидҳои луғавӣ дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ” фарогири чор зербоб иборат мебошад. Дар ин боб саравввал хусусиятҳои маъноӣ ва услубии муродифот ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, доир ба сарчашмаҳои пайдоиши муродифот маълумот дода, андешаи забоншиносонро доир ба ин масъала дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ баён кардааст. Масалан, қайду ишораи забоншиноси ҳирфаӣ – М.Н. Қосимоваро дар хусуси манбаъҳои пайдоиши муродифот овардааст, ки аз аҳаммияти илмӣ холӣ нест. Чунончи: “Манбаъҳои пайдоиши муродифот дар забон, аз рӯйи таҳқиқи забоншиносон чунинанд: а) калимасозӣ; б) ворид шудани калимаҳо аз забони гуфтугӯйӣ ва шеваҳо; в) иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар; г) эвфемизмҳо” [с. 49].

Сипас нақши муродифотро дар ташаккулу таҳаввул ва ғанӣ гаштани таркиби луғавии забон махсус таъкид намуда, аҳаммияти ин воҳиди луғавиро дар таъмини назокату малоҳат, салосату балоғати забон зикр намудааст. Аз пажӯҳиш ва таҳлилу баррасии диссертант зимни омӯзиши осори Хоқонии Шервонӣ маълум мегардад, ки муродифот дар ашъори шоир нақши фаъол дошта, шоир барои рангорангии услуби нигоришаш аз ин категорияи луғавӣ самаранок истифода бурдааст. Гуфта мешавад, ки адиб дар ин самт муваффақ шуда, забони ашъораш аз нигоҳи каломи бадеъ ва сеҳри сухан бо назокату нафосат ва риоя намудани анъанаҳои сухангустарии шоирони пешин ва

навовариҳову сабки махсуси эҷоди худи шоир аз дигар қаламкашони ҳамасраш фарқ карда меистад.

Муаллифи диссертатсия аз ашъори Хоқонии Шервонӣ муродифҳои зиёдеро ҷамъоварӣ намуда, аз нигоҳи таърихи баромад, бори маънӣ кашидан, услуби нигориш, маънои асливу маҷозӣ ва мавқеъву дараҷаи корбурди онҳо дар ашъори шоир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Аз натиҷагирии диссертант бармеояд, ки Хоқонии Шервонӣ барои дурусту бамавқеъ ва ба талаботи авзони шеър корбаст намудани муродифот аз тамоми имконоти забон истифода намудааст ва дар ин роҳи бас масъулиятталаб муваффақ шудааст.

Дар ин боб диссертант ба масъалаи корбурди мутазод ва нақши он дар ашъори шоир таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Муаллифи рисолаи илмӣ сароввал доир ба мутазод ва аҳаммияти он дар забон сайри таърихӣ намуда, андешаҳои донишмандони асри миёна Шамси Қайси Розӣ, Маҳмуди Омулӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Насриддини Тӯсӣ ва нуқтаи назари забоншиносони тоҷик Ҳ. Маҷидов, М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова, Д. Хоҷаев, Қ. Мухторӣ, М. Ҷумъаев, М. Саломов, Ж. Гулназарзода, У. Саъдуллоев, Ф. Фозиловро мавриди пажӯҳиш, омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Зимни таҳлили осори олимони номбурда паҳлуҳои гуногуни мутазодҳоро таҳлилу мушаххас намудааст.

Калимаҳои зидмаъно дар осори Хоқонии Шервонӣ бо мақсади таъсирбахшу дилошуб баён намудани матлаб дар мавридҳои зарурӣ аз ҷониби шоир ҳунармардона мавриди корбаст қарор гирифтаанд. Диссертант зикр менамояд, ки, аз рӯйи мушоҳидаи мо, Хоқонии Шервонӣ барои муқобилгузории воқеаву ҳодиса ва ҷузъиёти олами ҳастӣ мутазодҳоро мавридшиносона бо як ҳунари воло истифода намуда, муқобилгузорӣ тавассути мутазодҳо яке аз услубҳои барҷаста баён намудани матлаб дар осори Хоқонии Шервонӣ ба ҳисоб меравад. Чунончи:

Беҳтарин дӯсте, ки буд маро,
Бадтарин душманӣ ба ман бинмуд [с. 78].

**Ё ин ки:**

Ман пеши ту бар замин ниҳам сар,
К-эй пой бар осмон ниҳода [с. 82].

Ҳамгунаҳо низ монанди дигар категорияҳои луғавӣ дар назм ҷойгоҳи махсуси худро доранд. Дар ашъори Хоқони Шервонӣ ҳамгунаҳо низ мавқеи хосро доро буда, шоир бо истифодаи ин категорияи луғавӣ ҳунари шоирӣ ва суханпардозии худро нишон додааст. Аз рӯйи таҳқиқоти анҷомдодаи

муаллифи рисолаи илмӣ маълум мегардад, ки ҳамгунаҳои мавриди истифода қарордодаи шоир бештарашон вожаҳои аслии тоҷикианд. Чунончи:

Чун **шонаи** сар аст гилолуда пойи дил,
Ҷӯёи он, ки ойинаи ҷони кистӣ! [с. 95].

То зи дастам рафту ҳамзонуи ноаҳлон нишаст,
Шуд кабуд аз **шонаи** даст оинаи зонуи ман [с. 95].

Қайд кардан бамаридаст, ки шоири борикназар Хоқонии Шервонӣ дар баробари дигар категорияҳои луғавӣ барои ғановати забони ашъораш калимаҳои сермаъноро низ дар мавридҳои зарурӣ ҳунармандона истифода намудааст. Масалан, калимаҳои сар, даст, мӯй, сарв, чарх, чашм, соя, хондан ва монанди инҳо дар ашъори шоир ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ ҳамчун унсури луғавӣ барои пайдо шудани маънохои гуногуни лексикӣ, яъне ба сифати калимаҳои сермаъно зуҳур намудан, хизмат кардаанд. Масалан, дар рубоии зерин, чунон ки диссертант зикр менамояд, адиби нуктасанҷ калимаи чашмро чандин маротиба ба таври такрор истифода намудааст, ки дар натиҷа дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ маънохои гуногуни як вожа пайдо шудаанд:

То **чашм** рахи **чашми** туро чашмак дод,
Аз чашмаи **чашми** ман дусад **чашм** кушод.
Ҳар **чашм**, ки аз **чашми** бадаш **чашм** расид,
Дар чашмаи **чашми** ту чунон **чашм** мабод [с. 117].

Хулоса, боби дуюми диссертатсия ҳам бо як қатор хусусият ва ҷанбаҳои судбахши илмиаш дар самти омӯзишу таҳқиқи вижагиҳои тарзу воситаҳои забон ва услуби баёни осори Хоқонии Шервонӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад.

Боби сеюми диссертатсия “Таснифоти мавзуии семантикаи воҳидҳои луғавӣ дар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ” ном дошта, аз шаш зербоб иборат мебошад. Дар ин қисмати кори илмӣ муаллиф вожаҳои ифодагари хулқу атвори шахс, ифодаи маънои вақту замон, вожаҳои ифодагари узви бадан, вожаҳои ифодагари мафҳуми хешовандӣ ва вожаҳои ифодагарӣ шуғлу мансаб, касбу кор ва номи ҷонваронро бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ мавриди пажуҳиши илмӣ қарор додааст. Дар ин боби кор низ ба монанди бобҳои дигари диссертатсия заҳмати муаллиф бараъло ба мушоҳида мерасад. Аз рӯйи пажӯҳиши диссертант маълум мегардад, ки дар осори Хоқонии Шервонӣ вожаҳои ифодагари хулқу атвори шахс ҷойгоҳи вижаро касб мекунанд. Шоир, чи тавре ки диссертант арз мекунад, ин вожаҳоро барои нишон додани дунёи ботинии одамони замонаш ва обуранги бадеӣ бахшидани ашъораш дар осораш истифода намудааст. Калимаҳои мазкурро

ҷиҳати маъно ба ду гурӯҳ: вожаҳои ифодагари хулқу атвори нек ва вожаҳои ифодагари хулқу атвори бад ҷудо кардааст. Дар баробари ин, калимаҳои мавриди назарро аз ҷиҳати мансубияташон ба ин ё он забон ба ду даста: калимаҳои аслан тоҷикӣ ва калимаҳои арабӣ ҷудо намудааст. Ба андешаи мо, ин гуна муносибат қимати илмии кори диссертантро афзудааст.

Диссертант кӯшиш намудааст, ки бо ҷамъоврӣ ва таҳлили мисолҳои зиёд аз ашъори пурғановати шоир мақому манзалат ва аҳаммияти корбурди вожаҳои ифодагари маънои вақту замон, вожаҳои ифодагари узви бадан, вожаҳои ифодагари мафҳуми хешовандӣ ва вожаҳои ифодагарӣ шуғлу мансаб, касбу кор ва номи ҷонваронро бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ бо тамоми назокату нафосаташ таҳлилу баррасӣ намояд. Ба андешаи ин ҷониб, муаллифи рисолаи илмӣ бо зикри андешаи бикр ва навовариҳои илмӣ дар самти шинохти забон ва услуби баёни шоири навпардоз Хоқонии Шервонӣ ба дастовардҳои баланди илмӣ ноил гаштааст.

Хулосаи диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар 17 банд фароҳам шуда, муҳимтарин андешаҳои муаллиф ва дар бахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 6 тавсияи муаллиф оварда шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Маводди мавриди таҳқиқ барои омӯзиши семантикаи воҳидҳои луғавии забони адабии асри XII дар оянда заминае хоҳад гузошт. Ҳамчунин, барои таълими фанҳои назарияи забон, луғатшиносӣ, маъношиносӣ, забони адабии тоҷик курсҳои махсус дар гурӯҳҳои филологӣ кумак мерасонад. Дар баробари ин, хулосаҳои бадастомада дар факултетҳои филологии донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ барои таҳияи дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти забоншиносӣ, аз ҷумла, назарияи забон истифода кардан мумкин аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводди интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад тахти унвони “Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, тахти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мавриди назар дар баробари муваффақиятҳои арзишманд аз камбудиҳо орӣ нест ва зикри чанде аз онҳоро ба хотири пешрафти корҳои минбаъдаи диссертант лозим мешуморем:

1. Ба андешаи мо, номи боби якум бо чунин шакл “Маъно ва маъношиносӣ” ифода карда шавад, беҳтар аст;

2. Баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар кишварамон масъалаи ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ рӯйи кор омад. Бинобар ин, истилоҳоти соҳаи забоншиносӣ дар баробари дигар истилоҳоти илмӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва ҳамгун карда шуданд. Истилоҳоти маъмули забон – синоним, омоним ва антоним ба истилоҳоти муродифот, ҳамгун ва мутазод иваз карда шуданд. Дар диссертатсия мавриди назар ба ҷойи синоним муродиф, ба ҷойи антоним мутазод омадааст. Аммо ба ҷойи истилоҳи ҳамгун дар рисола ҳамоно истилоҳи омоним корбаст шудааст, ки ба андешаи мо, агар бо истилоҳи ҳамгун иваз карда мешуд, хуб мешуд;

3. Басомади категорияҳои луғавии (муродифот, мутазод, ҳамгунаҳо, калимаҳои сермаъно) ашъори Хоқонии Шервонӣ дар шакли ҷадвал нишон дода мешуд, ба фоидаи кор мебуд.

4. Дар саҳифаи чорум ва ҳафтуми диссертатсия феълҳои сунъисохти “андешабаёнӣ намудааст” ва “ақидабаёнӣ намудааст” ба мушоҳида расиданд, ки ба талаботи меъёрҳои забони тоҷикӣ мувофиқ нестанд;

5. Дар саҳифаҳои 4, 5, 6, 8, 10, 13, 42, 49, 67, 121, 126-и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ, аломатҳои китобат ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба ҳусни кор меафзуд.

Бояд махсус қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он аз уҳдаи иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқотии худ гузоштааш сарбаландона баромадааст.

Диссертатсия аз нигоҳи сохтор, муҳтаво, забон ва равиши таҳқиқ мукаммал мебошад. Сохтор ва муҳтавои автореферат бо диссертатсия мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои банашррасонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи “Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ  шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи забони**
**тоҷикии Донишгоҳи славянии**
**Россия ва Тоҷикистон** **Амлоев Аминҷон Ятимович**

_6_ _06_ соли 202_6_

Нишонӣ: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҳисорӣ, бинои 28/1, хонаи 21
Тел.: (+992) 917-58-77-78
E-mail: amloev@mail.ru

Имзои Амлоев А.Я.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Исмаилова Мавлюда Нуровна

_6_ _06_ соли 202_6_

Нишонии муассиса: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи
М. Турсунзода 30
Тел.: (+992 37) 221-35-50
E-mail: rtsu-1996@mail.ru